# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсяи **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзӯи **«Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ»**, барои дифоъ дар шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-039, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 02.03.11 - паразитология пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуъ:** Солҳои охир таҳқиқот оид ба эпизоотология, табобат ва пешгирии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор хеле кам шуд, ки ин аҳаммияти омӯзиши таркиб ва зичии навъҳои асосии трематодаҳоро дар организми чорвои калон ва хурди шохдори гурӯҳҳои синну соли гуногун дар давраҳои гуногуни сол ва дар минтақаҳои гуногуни табиию иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши фауна, эпизоотология, биология, экология, ташхис, пешгирӣ, муолиҷа ва дарёфти чораҳои муфиди мубориза бар зидди трематодаҳо ва трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Марказию Ҷанубӣ мавзуи мубрами назариявию амалии соҳаи байторӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки мавзӯи интихобкардаи Ф.Х. Сафаров “Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ”, аз ҷиҳати илмию амалӣ мубрам буда, дар тараққиёти чорводории чарогоҳӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

**Навгонии илмӣ.** Аввалин маротиба дар шароити Тоҷикистон фауна ва паҳншавии трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар минтақаҳои гуногун ба таври дақиқ омӯхта шуда, дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол, фасли сол, инчунин моно- ва полисироятёбӣ ошкор карда шудааст. Зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнии трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шуда, бори аввал дар ҷумҳурӣ дар шароити озмоишгоҳӣ биологияи барангезандаи фассиолёз (*Fasciola hepatica*) бо мавҷудияти нармбаданҳо омӯхта шуд.

Ҳамчунин самаранокии як қатор маводҳои зиддигиҷҷавии истеҳсоли ширкатҳои ватанию хориҷӣ дар шароити чорвопарварии чарогоҳӣ муайян ва ба чорводорон тавсия карда шудаанд, аз аҳамияти амалии кор гувоҳӣ медиҳанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Вазъи эпизоотии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ вобаста аст аз синну сол ва мавсими сол ба таври муфассал омӯхта шуда, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда пешниҳодҳои амалӣ ва дастурамали методӣ оид ба «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои кавшакунандагон» таҳия карда шуд, ки онро Хадамоти назорати давлатии

байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва ба чорводорон тавсия намудааст.

## ХУЛОСА

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Сафаров Фируз Холназарович ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар маҷмӯъ рисола натиҷаи таҳқиқоти чандинсола ва мустақилона анҷомёфтаи илмӣ аст ва сазовори баҳои мусбат мебошад.

Аз ҷиҳати аҳамияти илмию амалӣ диссертатсияи **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзуи «**Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ**», ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он аз руи ихтисоси 02.03.11 - паразитология сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Сардори раёсати назорати байторӣ
ва зотпарварии Кумитаи бехатарии
озуқавории назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Андамов И. Ш..

Кумитаи бехатарии озуқавории назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Сурога: 734001, ш. Душанбе к. Теҳрон 21.
Тел: (+998) 918 88 16 46;
E-mail: aismoil@inbox.ru;

Имзои И. Ш. Андамовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Кумитаи бехатарии озуқавории назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонализода Б.

19.09.2024

КУМИТАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ШУЪБАИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДР